آواز تاجیک

*Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

**Бани одам аъзои якдигаранд!**

# Овози тоҷик

**11 январи соли 2023 Чоршанбе № 3 (14911)**

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ИМКОНОТИ НАВ БАРОИ ИНКИШОФИ САНОАТ

**Зери раисии Президент Шавкат Мирзиёев 10 январ ҷамъомади видеоселекторӣ доир ба масъалаҳои инкишофи саноат ва дарёфти захираҳои иловагӣ баргузор гардид.**

Саноат дар иқтисодиёт ва шуғли аҳолӣ нақши хеле муҳим дорад. Бо мақсади фароҳам овардани шароити ногузир барои соҳаҳо дар солҳои охир 19 минтақаи озоди иқтисодӣ ва беш аз 400 минтақаи хурди саноатӣ ташкил карда шуда, барои инфрасохтори онҳо 10 триллион сўм ҷудо карда шуд. Барои ба василаи «таҳрикдиҳанда» табдил додани чунин соҳаҳои саноат, мисли бофандагӣ, кимё, масолеҳи сохтмон, саноати чарм, дорусозӣ ва электротехникӣ 3 миллиард доллар захираи молиявӣ равон карда шуд. Барои бо ашёи хом таъмин намудани саноат корҳои иктишофии геологӣ 3 баробар афзоиш дода шуда, беш аз 600 ҳавзаи нави истихроҷӣ кушода шудааст.

Дар натиҷа дар панҷ соли охир теъдоди корхонаҳои саноатӣ дучанд гардида, то 100 ҳазор расонда шуда, ҳаҷми истеҳсолот 1,4 баробар афзуд.

Ин дар рушди минтақаҳо нақши мусбат дорад. Аз он ҷумла, дар Ҷиззах чунин соҳаҳои нав, мисли истеҳсоли масолеҳи сохтмон, автомобилсозӣ, саноати озуқаворӣ ба вуҷуд омаданд. 220 лоиҳа доир ба истеҳсоли масолеҳи сохтмон ба кор андохта шуда, саҳми ин соҳа дар минтақа аз 20 фоиз зиёд гардид.

19 лоиҳаи калон дар соҳаи коркарди филизот дар вилоятҳои Самарқанд, Сирдарё, Намангон ва дигарҳо ба амал татбиқ гардид. Дар 54 минтақаи хурди саноатии нав, ки дар Намангон ба вуҷуд омаданд, соли 2022 ба ҳаҷми 3 триллион сўм маҳсулот истеҳсол гардид.

Дар се соли охир ҳаҷми маҳсулот дар саноати кимё 1,5 маротиба афзуда, содирот 2 баробар зиёд шуд.

Ҳамзамон дар баъзе минтақаҳо натиҷаҳо ба имконот мутобиқ нестанд. Аз он ҷумла, рушди саноатӣ дар вилоятҳои Навоӣ, Бухоро ва Тошканд соли 2022 аз чашмдошт кам буд. Дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳои Ҷиззах, Қашқадарё, Сурхондарё, Фарғона ва Хоразм дараҷаи азнавкоркарди калоба хеле паст боқӣ мемонад. Дар Намангон, Самарқанд ва Навоӣ потенсиали истеҳсоли маҳсулоти хўрокворӣ, чарму пойафзор ва мебел ба андозаи бояду шояд истифода намегардад.

Бинобар ин дар ҷамъомад чораҳо оид ба рушди саноат, афзоиши сармоя ба соҳа ва ба кор андохтани захираҳо муҳокима гардиданд.

Роҳбари давлат таъкид кард, ки барои рушди саноат имконоти нав ва захираҳои иловагии молиявӣ пешниҳод карда мешавад.

Пеш аз ҳама меъёрҳои бонк таҷдиди назар гардида, ба бонкҳои тиҷоратӣ дар ҳаҷми 55 триллион сўм барои кредити корхонаҳо захираҳои иловагӣ ҷудо карда мешавад. Ин маънои онро дорад, ки манбаи иловагии сармоя ба ҳисоби миёна барои ҳар як ноҳия 20 миллион долларӣ хоҳад гардид.

Имконоти дуюм – соли 2023 барои инфрасохтори минтақаҳои саноатӣ ва лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ 1,7 триллион сўм равон карда мешавад. Инчунин ҳудуди минтақаҳои озоди иқтисодии «Ғиҷдувон» ва «Қўқанд» васеъ карда мешаванд. Дар Қароқалпоқистон ва Қашқадарё филиалҳои минтақаи озоди иқтисодии «Ургут» ба вуҷуд хоҳад омад.

Сеюм, аз соли 2023 эътиборан ба 60 ноҳияи тоифаҳои чорум ва панҷум, ки рушди иқтисодии онҳо ақиб мондаанд, 27 намуди имтиёзоти андоз, субсид ва преференсия вогузор карда мешавад.

Чорум ба истеҳсолгарони қолин, бофандагии хонагӣ, маҳсулоти чарму ҷавоҳирот преференсия дода мешавад. Ҳамин тариқ соли 2023 ба лоиҳаҳои бофандагӣ барилова 300 миллион доллар ҷудо карда мешавад. Имтиёзоти андоз бинобар беш аз 200 намуди ашёи хоми воридгарданда барои саноати чарму пойафзор барои се сол дароз карда мешавад. Заргарон имконияти арзонтар харидани ашёро ба даст оварда, инчунин ба имтиёзоти андоз, гумрук ва бонк соҳиб мегарданд.

Президент ногузирии васеъ хабардор намудани аҳолӣ ва соҳибкоронро дар бораи имкониятҳашон ва афзудани миқдори лоиҳаҳо дар маҳалҳо таъкид кард.

Таъкид шуд, ки дар минтақаҳои саноатӣ 1264 лоиҳа ба кор андохта мешавад. Таъмини ба кор андохтани корхонаи шашуми гидрометаллургӣ дар вилояти Навоӣ ва фабрикаи мису ғанисозии сеюм дар Олмалиқ, сехи рехтагарии замонавӣ дар вилояти Андиҷон ва кластери техникаи кишоварзӣ дар Чирчиқ чун вазифаҳои муҳим муқаррар гардиданд.

Дар назди шахсони масъул вазифаҳо доир ба васеъ намудани ҳамкории истеҳсолӣ, татбиқи лоиҳаҳои маҳаллигардонӣ ба миқдори 6 миллиард доллар, сари вақт ба кор андохтани қариб 3 ҳазор лоиҳае, ки ба барномаи сармоягузории минтақавӣ дохил гаштаанд, гузошта шуданд.

Хуллас, таъкид шуд, ки соли ҷорӣ тамоми захираҳоро ба кор андохта, имкони зиёд намудани истеҳсолоти саноатӣ ба миқдори 14 фоиз мавҷуд аст.

Роҳбарони соҳаҳои саноат ва ҳокимон нақша ва пешниҳодоти худро доир ба масъалаи баррасинамудаи ҷамъомад пешниҳод намуданд.

**ЎзА.**

# ДАР ҲИНДУСТОН БАХШИДА БА ИСЛОҲОТ ДАР ЎЗБЕКИСТОН ШУМОРАИ МАХСУСИ МАҶАЛЛА ЧОП ГАРДИД

**Яке аз маҷаллаҳои чопии Ҳиндустон - Business Central Asia бахшида ба рафти ислоҳот дар Ўзбекистон шумораи махсус нашр кард.**

Дар шумораи махсус, ки бо дастгирии Сафорати Ўзбекистон дар Ҳиндустон омода шудааст, маълумот дар бораи дигаргуниҳо дар соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, гуманитарӣ ва сайёҳӣ, натиҷа ва дастовардҳои ҷумҳурӣ дар солҳои охир, инчунин мақолаҳо дар бораи муносибатҳои Ўзбекистону Ҳиндустон гирд оварда шудааст.

Дар саҳифаҳои аввал матни пурраи суханронии Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар нишасти нахустини «Ҳиндустон – Осиёи Марказӣ» оварда шудааст. Дар он самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои байни ду кишвар ва минтақаҳои онҳо, пешниҳодҳои амалӣ оид ба таҳкими ҳамкориҳо пешниҳод шудаанд.

Дар мақолаи таҳлилии «Муроҷиатномаи Президент ҳамчун траекторияи амал барои соли 2023» паҳлуҳои асосии Муроҷиатномаи Сарвари давлат ба Олий Маҷлис ва мардуми Ўзбекистон оварда шудааст. «Дар Муроҷиатнома натиҷаҳои соли 2022 ҷамъбаст, самтҳои афзалиятноки сиёсате, ки дар соли 2023 амалӣ мегардад, муайян шудааст», – гуфта мешавад дар мақола. – Инчунин, Президент Шавкат Мирзиёев соли 2023-ро дар Ўзбекистон «Соли эътибор ба инсон ва таълими босифат» эълон кард.

Муовини директори Институти тадқиқоти стратегӣ ва байниминтақавии назди Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Акромҷон Неъматов ва ходими калони илмии Маркази тадқиқотии Ҳиндустон Vivekanaqnda International Foundation Правеш Гупт натиҷаҳои нишасти таърихии сарони кишварҳои узви СҲШ-ро, ки моҳи сентябр дар Самарқанд баргузор гардид ва раёсати Ўзбекистон дар ин созмон дар соли 2022-ро таҳлил карданд.

Дар мақолаи сафири Ўзбекистон дар Ҳиндустон Дилшод Ахатов "Ўзбекистон ва Ҳиндустон: дўстии наздик ва шарикии мустаҳкам" дар бораи афзалиятҳо, ҳолати замонавӣ ва дурнамои муносибатҳо байни кишварҳои мо маълумот дода шудааст.

Дар ин шумораи махсус мақолаҳо оид ба ислоҳоти конститутсионӣ дар кишвари мо, иштироки аҳолӣ дар татбиқи он ва дигар равандҳои муҳими сиёсӣ низ ҷой дода шудаанд.

Мақолаҳо дар бораи мероси ғании фарҳангӣ ва имкониятҳои сайёҳии кишвари мо ба аудиторияи Ҳиндустон иқтидори онро дар ин самтҳо тақдим менамояд. Дар маҷалла аз ҷумла, дар бораи намоишгоҳҳои Ўзбекистон дар Лувр ва Институти ҷаҳони араб дар Париж, ки дар ҷараёни сафари Президент Шавкат Мирзиёев ба Фаронса кушода шуданд, нақл карда мешавад.

Хонандагони ҳиндӣ инчунин метавонанд бо маълумот дар бораи мероси илмии мутафаккир ва энсиклопедист Абўрайҳон Берунӣ шинос шаванд, ки бо қарори махсуси Президенти Ўзбекистон дар сатҳи байналмилалӣ таҷлил намудани 1050-солагии зодрўзи ў ба нақша гирифта шудааст. Мақолаҳои илмие, ки олимони донишгоҳи Ҷавоҳарлал Неҳру, яке аз муассисаҳои таълими олии Ҳиндустон омода кардаанд, муштаракоти таърихӣ ва мероси фарҳангии байни кишварҳоямон, аз ҷумла, аҳамияти амалии асари Заҳириддин Муҳаммад Бобур дар Ҳинд инъикос ёфтааст.

Дар шумораи махсус инчунин табрикоти арбобони давлатии Ҳиндустон, намояндагони пешқадами илму мариф ва муносибати 30-солагии барқарор шудани муносибатҳои дипломатӣ байни Ҳиндустон ва Ўзбекистон ҷой дода шудааст.

Маҷаллаи Business Central Asia нашри пешқадами ҳармоҳаест, ки ба нашри хабарҳои иқтисодӣ дар Ҳиндустон тахассус дорад ва равобити онро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ инъикос менамояд. Дар байни муассисаҳои давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва сафоратхонаҳо, ки дар Деҳлӣ номнавис шудаанд, инчунин, дар байни намояндагони илм ва доираҳои тиҷоратии Ҳиндустон паҳн карда мешавад.

**АИ «Дунё».**

***14 январ – Рўзи муҳофизони Ватан***



Клуби таълимию варзишӣ-техникии ташкилоти «Ватанпарвар»-и кумаккунанда ба мудофиаи Ҷумҳурии Ўзбекистон, ки дар бинои замонавии ноҳияи Оқдарёи вилояти Самарқанд ба кор шурўъ кардааст, ба ҷавонони оқдарёӣ барои шуғл варзидан бо намудҳои варзиш ва техника хидмат менамояд.

**Суратгир: Алишер ИСРОИЛОВ (ЎзА).**

# ДАР ТОКИО ЛОИҲАИ МУШТАРАКИ ЭҶОДИИ ЎЗБЕКИСТОНУ ҶОПОН МУАРРИФӢ ШУД

**Сафорати Ўзбекистон дар ҳамкорӣ бо созмони "Cultural Sending Promotion Committee" дар Қасри санъати машҳури Токио «Киоӣ» консерт-лоиҳаи «Мусиқии ҷаҳон» ташкил намуд.**

Аз ҷумла, лоиҳаи эҷодии «Таърихи бунёди Театри давлатии академии калони ба номи Алишер Навоӣ»-и нависандаи маъруф Сузуката, иҷрокунандагон Акеми Татемичи ва Ёшихару Ганрю муаррифӣ шуд.

Дар лоиҳа муаллифон дар зери садои асбобҳои японии "кото" ва "орин" дар бораи бунёди Театри давлатии академии ба номи Алишер Навоӣ аз ҷониби сарбозони японӣ, ки пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба Ўзбекистон оварда шудаанд, инчунин ғамхориҳои ба онҳо аз тарафи халқи ўзбек сарфи назар аз шароити душвори иҷтимоию иқтисодии он вақт зоҳиргардида нақл менамоянд.

Яке аз иштирокчиёни ин лоиҳа, иҷрокунандаи японӣ (кото) Акеми Татемичи қайд кард, ки лоиҳаи эҷодии Ўзбекистону Ҷопон, ки бори аввал намоиш дода мешавад, дар қалби тамошобинон таассуроти гарм гузошта, онҳо ба ҷустуҷўи маълумоти гуногун дар бораи Ўзбекистон дар Интернет аллакай дар ҷараёни чорабинӣ шурўъ карданд. Вай изҳори умедворӣ кард, ки таваҷҷуҳ ба ин лоиҳа афзоиш хоҳад ёфт ва инчунин омодааст, ки дар ояндаи наздик дар префектураи Киото дар ҳамкорӣ бо сафорат чунин барномаи консертӣ ташкил кунад, то аҳли ҷомеаи Ҷопонро бо таърихи дўстии байни Япония ва Ўзбекистон шинос намояд.

Директори Донишкадаи тадқиқоти Осиёи Миёна ва Кавказ Тесудзи Танака, ки дар консерт ҳозир буд, қайд кард, ки лоиҳа дар вай ҳиссиёти амиқро бедор кард. Вай ба робитаҳои фарҳангие, ки Ҷопон ва Ўзбекистонро дар тўли садсолаҳо аз Роҳи бузурги абрешим бо ҳам мепайвандад, баҳои баланд дод. Коршиноси ҷопонӣ инчунин саъю кўшиши роҳбарияти Ўзбекистонро ҷиҳати таҳкими шарикии стратегии Ўзбекистону Ҷопон қайд намуд.

Дар доираи консерт бо мақсади оммавӣ гардонидани иқтидори фарҳангӣ ва сайёҳии кишварамон аз ҷониби сафорат гўшаи ашёи санъати халқӣ ва амалии Ўзбекистон ташкил карда шуда, инчунин ба иштирокчиёни чорабинӣ рисолаҳо оид ба ҷойҳои ҷолиби диққати сайёҳии мамлакати мо паҳн карда шуд.

**АИ "Дунё", Токио.**

# БУВАД МАЙДОНИ МАРДӢ СУЛҲХОҲӢ...

**Мардуми кишвари маҳбуби мо Муроҷиатномаи Сарвари давлатамонро ба Олий Маҷлис ва халқи Ўзбекистон бо хушҳолӣ гўш карданд ва тавассути матбуоти даврӣ мутолиа намуданд. Боиси ифтихор аст, ки роҳбари давлат ба посбонони Ватан, ки дахлнопазирии сарҳад ва оромиву осоиштагии моро чун гавҳараки чашм ҳифз мекунанд, низ ниятҳои неки худро ирсол намуда, аз самими қалб арзи сипос кард, таманнои осмони мусаффо намуд. Шоири ширинкаломи тоҷик Абулқосим Лоҳутӣ фармудааст:**

***Бувад майдони мардӣ сулҳхоҳӣ,***
***Ба сидқи ин диҳад дунё гувоҳӣ...***

Роҳбари давлат таъкид намуд, ки маҳз ба шарофати хизмати шоистаи шабонарўз ва доимии ҳимоятгарони Ватан дар кишвари ҷаннатмаконамон ҳамеша осоиштагӣ ҳукмрон аст, вакилони миллатҳои гуногун чун фарзандони як оила дар фазои сулҳ умргузаронӣ мекунанд.

Боиси хушнудист, ки дар ин кори хайру амалҳои нек ҷавонмардони Самарқанд низ саҳми арзанда доранд.

## Ҳавас аст, ҳамин бас аст

Ҳар гоҳе амакаш, собиқ сардори комиссариати ҳарбӣ, полковник Маъруфҷон Усмонов (илоҳӣ рўҳашон шод бод!) дар либоси тозаву озода, хушдўхту зебои низомӣ ба хонадони додараш Раҳим меомад, ҷияни мактабхони чеҳрахандону ҳозирҷавоби ў Шўҳратҷон бо ҳавасу ифтихори хосса сўяш менигарист. Ва дар дил орзуи мисли вай ҳарбӣ шуданро мепарварид.Шояд аз ҳамин сабаб филмҳои доир ба ҳарбиёнро бо завқ тамошо карда, пайваста асарҳои бадеӣ мехонд. Пас аз ба даст гирифтани номаи камол ҳуҷҷатҳои худро ба омўзишгоҳи ҳарбии автомобилии қўмондонии олии Самарқанд супурда, аз санҷиш сарбаланд гузашт.

(Давомаш дар саҳ.2).

# МАЙДОНИ ҲАМКОРИҲОИ МАРКАЗ ВАСЕЪТАР МЕГАРДАД

**Маркази дипломатияи халқии СҲШ дар Ўзбекистон чаҳор сол муқаддам ташкил шудааст. Марказ соли 2022-ро хеле пурсамар ва бо натиҷаҳои хуб ҷамъбаст намуд. Дар давоми чаҳор соли фаъолият, хусусан, дар соли сипаришуда тавонистааст, ки чорабиниҳои зиёдеро дар ҳамкорӣ бо ташкилоту созмонҳои мухталиф баргузор намояд.**

– Фикр мекунам, ки ин чорабиниҳо ҷиҳати беҳбуди муносибатҳои миёни давлатҳои СҲШ, мустаҳкам шудани дўстиву бародарии халқҳои маскуни он, доман фарох намудани робитаҳои ҳамҷаворӣ, роҳандозии мулоқотҳои байни динҳову тамаддунҳо ва амсоли он нақши муассир хоҳад бозид, – мегўяд директори он Қобулҷон Собиров. – Марказ дар Ўзбекистон соли 2022 барои он ҳарчи бештар талош ба харҷ дод, ки раёсати Ҷумҳурии Ўзбекистон дар СҲШ самараҳои пурмаҳсул ба бор оварад. Дар ин замина барои таъмини иҷрои қарорҳо ва созишномаҳое, ки дар сатҳҳои олӣ ва баланд қабулу имзо шудаанд, инчунин ҷиҳати беҳбуди равобити ҳамҷаворӣ ва дўстона бо давлатҳои аъзои СҲШ, ҳамкорӣ дар соҳаи табодули иттилоот корҳои фаровон ба анҷом расид.

– Дар ҷамъомаде, ки тибқи ин низом Шўрои мувофиқгардонӣ ба муносибати ҷамъбасти сол ва натиҷагириҳо аз он доир намуд, маҳз ба авлавияти фаъолияти устувори марказ таваҷҷуҳи асосиро равона намуд.

Қарори Президент "Дар бораи чораву тадбирҳои самаранок ба амал баровардани раёсати Ҷумҳурии Ўзбекистон" ва "Харитаи роҳ"-и Шўрои мувофиқгардонии Маркази дипломатияи халқии СҲШ барои босамар анҷом ёфтани давраи раёсати Ўзбекистон нақши муассир бозидааст.

Натиҷа нишон дод, ки тавсеаи робитаҳои фарҳангиву гуманитарӣ, фарохтар гардидани домани ҳамкориҳои миёни ҷавонон ва занони давлатҳои узви созмон, инчунин роҳандозии фестивалҳои фолклорӣ-этнографӣ, баргузор намудани намоишгоҳҳои ҳунармандӣ, ярмаркаҳои савдо ва амсоли он дар наздикшавии халқҳо ва беҳбуди муносибати миёни кишварҳои СҲШ хеле мусоидат намудааст.

Қ. Собиров мегўяд, ки бар асоси Барномаи давлатии "Соли гиромидошти инсон ва маҳаллаи фаъол" доир намудани чорабинии хайрия таҳти унвони "Маҳалла – ҳамсоядории нек ва маскани ҳамфикрӣ" дар яке аз ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳо собит намуд, ки мардуми мо дар фазои амну осоиш, дўстиву рафоқат, накукорӣ ва меҳру муҳаббат зиндагӣ мекунанд.

Дар пайи он, фаро расидани иди бошукўҳи Наврўз мардумро ба ваҳдат овардааст ва занону духтарони маҳаллаҳо дастаҷамъона ба пухтану тақсим намудани неъмати идона – суманак пардохтаанд, мардҳо ба шинонидани ниҳолҳои гуногун ва тоза кардани атрофу акноф машғул шудаанд.

– Магар ана ҳамин дипломатияи халқӣ нест, ки кулли мардум, новобаста аз он ки намояндаи кадом қавму миллат мебошанд, ба ҳамдигар меҳру мурувват нишон медиҳанд, якдигарро табрику таҳният мегўянд, ҳатто дар рўзҳои сахт дар бари ҳамдигар истода, намегузоранд, ки ҳамсоя ё ҳаммаҳаллаашон дар гирдоби мусибат "ғарқ" шавад ва худро яккаву танҳо эҳсос намояд. Чунин муносибат дар байни мардуми минтақаи мо анъанаи азалист, – иброз намуд Қ. Собиров.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

# МАЙДОНИ ҲАМКОРИҲОИ МАРКАЗ ВАСЕЪТАР МЕГАРДАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Таъмини сулҳу субот дар ҷомеа ва тарғиби илму маънавият ва маърифати динӣ дар байни ҷавонон аз масъалаҳои дигари мубрам маҳсуб меёбад. Маҳз дар ин замина марказ таҳти унвони «Нақши маориф ва маърифати динӣ дар ҳамоҳангии мутақобилаи дину фарҳангҳо" бо ширкати уламои динӣ, инчунин коршиносони байналмилалӣ конфронси доманфарохе ташкил кардааст, ки дар меҳвари он низ масъалаи мустаҳкам намудани сулҳу осоиш ва таҳаммулпазирӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

– Ғайр аз ин, кӯшиш намудем, ки дар ҳамкорӣ бо Академияи Вазорати корҳои дохилии Ӯзбекистон дар мавзӯи «Дипломатияи халқӣ бар зидди терроризми байналмилалӣ» семинари илмӣ-амалӣ баргузор гардад ва ба он аз ташкилоту созмонҳои гуногун бештар ҷавононро ҷалб намудем. Талошҳои Сарвари давлат барои беҳбуди ҳаёти ҷавонони мамлакатро баён карда, ҳамзамон эҳсоси ифтихор аз онро иброз медоштанд, ки шаҳрванди чунин мамлакати озоду обод ҳастанд, – мегӯяд ҳамсуҳбати мо.

Дарҳақиқат, ҳар гуна ҷомеа бо таъмини ҳамгироӣ ва ҳамфикрӣ барқарор аст ва аъзои он ба фардои дурахшон бо эътимоду боварӣ қадам мегузоранд. Дар ин росто Маркази дипломатияи халқии СҲШ дар Ӯзбекистон ба баргузор намудани даҳҳо чорабинии доманфарох ва муҳим ноил шудааст. Инро аз лавҳаҳову аксҳои зиёд дарёфтан мумкин аст, ки дар деворҳо ва албомҳо, китобҳои нашри махсуси марказ инъикос ёфтаанд.

Чорабиниҳоро бо номи "Нақши таълим ва маърифати динӣ дар ҳамоҳангии мутақобилаи дину фарҳанг ва тарғиби сулҳу ваҳдат", "Дипломатияи халқӣ – бар зидди терроризми байналмилалӣ", "Бахти зан – бахту саодати ҷомеа", "Нақши дипломатияи халқӣ дар ривоҷи дӯстиву ҳамҷаворӣ", "Бигзор дӯстӣ ҳамеша самимӣ ва воқеӣ бошад" метавон арзёбӣ кард.

– Мо фаъолияти худро зимни сафар ба мамолики гуногуни минтақа ва берун аз он низ тавсеа мебахшем. Ба таври мисол, соли сипаришуда Кумитаи мувофиқгардонии Ассамблеяи халқҳои Авруосиё моро ба шаҳри Маскав даъват намуд. Дар он низ беҳбуди робитаҳои миёни кишварҳои узви СҲШ дар соҳаҳои гуногун – иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва гуманитарӣ матраҳ гардид.

Чунин дидору мулоқотҳо дар шаҳрҳои Хуҷанди Тоҷикистон, Чимкенти Қазоқистон, Мински Белорус, Чулпонатои Қирғизистон низ баргузор гардида, ба хотири рушду ривоҷи ҳамкориҳо ба нафъи дӯстиву рафоқати байни давлат ва халқҳо мебошанд. Аз ҷумла, дар Хуҷанд ба муносибати 30-юмин солгарди барқарории равобити дипломатӣ миёни Ӯзбекистон ва Тоҷикистон дар мавзӯи "Дӯстии Ӯзбекистону Тоҷикистон абадӣ аст" суҳбати мизи мудаввар ороста гардид.

– Эътимоди мутақобила, ризоияти байни миллатҳо ва мазҳабҳо, таҳкими равобити байни тамаддунҳо, тавсеаи равобити фарҳангӣ-гуманитарӣ, фароҳам овардани фазои ҳамкории дӯстона миёни ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла созмонҳои ҷавонон ва занон, миёни кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай моро водор намуд шахсонеро, ки дар пешбурди принсипҳои асосии СҲШ саҳми босазо гузоштаанд, бо нишони сарисинагии «Дипломати халқӣ» сазовор гардонем, – изҳор намуд дар поёни суҳбат директори марказ Қ. Собиров.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

*Дар ин рӯзҳо дар саросари кишварамон бо иштироки хидматчиёни ҳарбӣ, варзишгарон, ҷавонон ва сокинони кишварамон бахшида ба 31-умин солгарди таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ ва Рӯзи муҳофизони Ватан чорабиниҳои гуногун баргузор мегарданд.*



# РӮЗИ ДАРҲОИ КУШОД БАРОИ ҶАВОНОН

Бо мақсади боз ҳам оммавӣ гардонидани варзиш дар байни ҷавонон, ташаккули мавқеи «Варзиш – ҳаёти ман» дар базаи варзишии тирандозии Маркази варзишии Вазорати мудофиа «Рӯзи дарҳои кушод» баргузор гардид.

Дар чорабинӣ, ки дар чаҳорчӯби «Моҳонаи ватанпарварӣ» баргузор гардид, капитанҳо Руслан Нурудинов, Рамзиддин Саидов, Надия Дусанова, сержантҳои хурд Нилуфар Зокирова, Шунқор Абдурасулов, инчунин хонандагони синфҳои болоии рақами 68-уми ноҳияи Юнусобод ва рақами 120-уми ноҳияи Мирзо Улуғбеки шаҳри Тошканд иштирок намуданд. Дар он донишҷӯён аз рӯи дартс, тирпарронӣ аз силоҳи пневматикӣ, ресмонкашӣ ва тенниси рӯи миз рақобат карданд.

Дар рафти чорабинӣ масъулини Маркази варзишӣ ба ҷавонон оид ба дастовардҳои варзишгарони ҳарбӣ ва чорабиниҳое, ки дар соҳаи варзиши низоми Вазорати мудофиа татбиқ шудаанд, маълумот доданд.

Дар фарҷоми мусобиқа ғолибону ҷоизадорон, инчунин иштирокчиёне, ки фаъолияти махсус нишон доданд, аз ҷониби варзишгарони номдор бо медалу ифтихорномаҳо сарфароз гардонида шуданд.

**Департаменти ахбор ва коммуникатсияи оммавии вазорати мудофиа**

# ДИДОРБИНӢ ДАР ШАҲРАКИ КАЙҲОННАВАРДОН

***Иди Соли нав як ҷиҳати хуб ва фазилати хуш дорад. Дар ин рӯз одамон бо фарорасии боз як соли дигар наздикону пайвандони хешро сидқан табрику таҳният мегӯянд. Гоҳе фарсахҳо роҳро тай намуда, ба дидори ҳамдигар мешитобанд.***

Дар арафаи Соли нав мужда расид, ки аз устодони факултети журналистикаи ДМТ Қироншоҳ Шарифзода, Нуриддин Бозорзода ва Мурод Муродӣ ба шаҳраки Гагарини ноҳияи Мирзочӯли вилояти Ҷиззах ба меҳмонӣ омадаанд. Дар ин ноҳия аз акаву додарони устод Қироншоҳ Шарифзода Зарифакаю Маҳмадюсуф ва Раҳимшоҳ аз замоне, ки барои азхудкунии заминҳои Мирзочӯл аз дигар минтақаҳо, аз ҷумла, кӯҳистони Нурато кӯч баста буданд, то ҳозир умр ба сар мебаранд ва барои рушди хоҷагии қишлоқ, фарҳангу маориф саҳми муносиб мегузоранд. Ман, ки устодонро солҳо боз надида будам, ба дидорашон шитофтам.

Дар асnои суҳбат устод Қ.Шарифзода фикру андешаҳои ҷолибе иброз дошт, ки ҳозиринро бештар барои қадркунии рӯзномаву маҷалла ҳидоят менамуд.

Вобаста ба шаҳраки Гагарин баъзе чизҳоро пурсиданд ва худ низ чандин далел оварданд. Маслиҳат доданд, ки дар ин бора месазад як мақолаи доманадоре омода кард.

Меҳмонон рӯзи аввали Соли Нав ба Қазоқистон, ки он ҷо дӯстону хешовандон интизор буданд, роҳ пеш гирифтанд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# БУВАД МАЙДОНИ МАРДӢ СУЛҲХОҲӢ...

(Аввалаш дар саҳ.1).

Тайёрии ҷисмонӣ ва дониши кофӣ дошт, ки аз душворӣ ва тартиби қатъӣ наҳаросид. Чор соли хониш дар омӯзишгоҳ чӣ тавр гузашта рафт, худ нафаҳмид. Ва он рӯз, ки бо дипломи мактаби олии ҳарбӣ ба хона омад, аввалин шахси табриккунанда шодравон амаки полковники мустафъӣ буд.

– Ҳарбӣ шудан шараф аст,– ҷияни худро самимона ба оғӯш кашид Маъруфбобо, – ман ҳам тамоми умри хешро ба ин касб бахшида, дар Ҷанги дуюми ҷаҳон иштирок карда будам. Ана ҳозир гашти пирӣ меронам. Дуоям – мисли ман хизмати шоистаи худро ба итмом расондани туст.

## Маънавияти воло – неруи мағлубнопазир

Шӯҳратҷон бо роҳхати омӯзишгоҳ дар қисмҳои низомии гуногун ҳамчун тарғибгари варзидаи маънавият беш аз бист сол хизмати шоиста карда, дар рутбаи майор бознишаста шуд. Аммо рост гуфтаанд, ки тарки одат, амри муҳол. Вай дар шуъбаи мудофиаи ноҳияи Самарқанд ҳамчун ҷонишини сардор оид ба корҳои таълиму тарбия ва мафкура ба кор омад ва соли панҷум вазифаи пурмасъулияти хешро сарбаландона иҷро мекунад. Дар арафаи Рӯзи муҳофизони Ватан бо супориши идораи рӯзномаи «Овози тоҷик» ва тавсияи Садорати шӯъбаи мудофиаи вилоят бо Шӯҳратҷон суҳбати дилнишине оростем.

— Медонед, инсон ҳар қадаре ки худро шиносад, наслу насабашро амиқтар донад, дар қалбаш ҳисси муҳаббат ба халқу ватан чуқуртар реша давонда, сол ба сол меафзояд, – гуфт Шуҳратҷон Усмонов, – Воқеан, ин реша ҳар қадар жарфтар бошад, меҳру муҳаббат ба кишвари маҳбубе, ки дар он ҷо чашм ба олами ҳастӣ кушодааст, ҳамон қадар зиёда мегардад.

Шуъбаи мо бо мақсади самаранок ташкил кардани кори таълиму тарбияи насли наврас дар рӯҳи ватандӯстӣ ва ҷавонмардии ҳарбӣ ба муносибати Рӯзи муҳофизони Ватан чорабиниҳои судманд мегузаронад. Дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонии миёна, маҳалла, қисмҳои ҳарбӣ вохӯриҳо бо афсару сержант, аскарони қаторӣ ва сарбозони байналмилалӣ чорабиниҳои маънавию маърифатӣ барпо карда истодаем, ки таҳти шиори «Артиши миллӣ – сипари боэътимоди Ӯзбекистони Нав» баргузор мешаванд.

**– Фаҳмо, Шӯҳратҷон, боз чӣ гуна вазифаҳо доред?**

– Назорат ва кумаки ҳаматарафа ба ташкилотчиёни тайёрии ибтидоии ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии миёна. Инчунин таҳияи ҳуҷҷатҳои лозимии довталабон барои дохилшавӣ ба муассисаҳои ҳарбии на танҳо Ӯзбекистон, балки кишварҳои дӯст.

Ба маълумоти шумо расонам, ки соли гузашта бисёр ҷавонони ноҳияи Самарқанд ба мактабҳои олии ҳарбӣ дохил шуданд.

Мо саргарми суҳбат будем, ки марде вориди утоқи кории Шӯҳратҷон гардид ва барои маслиҳати муфиду судманд барои писараш, ки дар яке аз қисмҳои низомии Тошканд қарзи ҷавонмардии худро иҷро мекунад, арзи сипос намуд, ки табъи мусоҳибам болида гашт.

–Дар комёбиҳои шуъбаи мудофиаи ноҳияи Самарқанд хизмати шоистаи роҳбарони ҳарбии мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии миёна хеле калон аст, – илова намуд Шӯҳратҷон, – ман бо ифтихор исму насаби муаллимони таълими ибтидоии мактаби миёнаи рақами 2-юми ноҳияи Самарқанд, полковники мустафъӣ Санҷар Холмуродов, мактаби рақами 11-ум, подполковник Комил Меликов, мактаби рақами 16-ум, лейтенант Алишер Насриев, мактаби рақами 33-юм, капитан Ҷӯрабек Остонов, мактаби рақами 43, подполковник Муҳиддин Облоқулов ва дигарон бузург аст.

**– Шӯҳратҷон, тавассути рӯзномаи «Овози тоҷик» ба Рӯзи муҳофизони Ватан чӣ таманно доред?**

– Аз фурсат истифода бурда, тамоми ҳарбиёни ҷумҳурӣ, собиқадорони артиши миллӣ – мактаби ватанпарварӣ ва онҳоро, ки шабу рӯз сарҳади моро ҳимоят мекунанд, бо Рӯзи муҳофизони Ватан аз таҳти дил табрик гуфта, тамоми хушиҳои зиндагиро таманно дорам.

Бигзор ҳамеша осмонамон мусаффо, ҳаётамон осуда бошад!

**Суҳбаторо**
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# ... КАЪБА ЧӢ РАВӢ? БИРАВ ДИЛЕРО ДАРЁБ

**Дар мамлакатамон қадри инсон, таъмин намудани манфиат ва ҳуқуқи он яке аз самтҳои асосии сиёсати давлат ба шумор меравад. Дар қатори дигарон ба ногироҳо низ аз ҷониби ҳукумат ғамхорӣ ва эътибор зоҳир гардида, баҳри ба ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ фаъол ҷалб намудани онҳо чораву тадбирҳои муҳим андешида мешавад.**

Дар Ӯзбекистон қариб 1 миллион нафар ногиро зиндагӣ мекунанд. То имрӯз баҳри дастгирии ин тоифа шахсон як қатор сохторҳо, аз ҷумла, Ҷамъияти ногироҳои Ӯзбекистон, Ассотсиатсияи ногироҳо, Ҷамъияти нобиноҳо, Ҷамъияти ношунавоён фаъолият намуда, босамар кор мебаранд. Аз ҳама муҳимаш, ин табақаи аҳолӣ, ки бо тақозои тақдир ногиро шудаанд, аз меҳр, саховат ва эътибори идораҳои давлатӣ дар канор намонда, онҳо бо меҳнат ва қобилияташон на танҳо дар зиндагӣ мавқеи худро ёфтаанд, балки бо сабр, матонат ва шукронаи худ ба бисёриҳо ибрат шуда истодаанд.

Соли равон бо ташаббуси роҳбари давлат ду баробар зиёд намудани марказҳои реабилитатсионӣ ва протезӣ, васеъ намудани 10-то чунин маркази минтақавӣ ва бо ҷиҳозҳои зарурии тиббӣ муҷаҳҳаз намудани онҳо ба нақша гирифта шудааст.

Роҳбари давлат дар баромади худ бахшида ба Рӯзи ногироҳо гуфта буд: "Бо боварии комил мегӯям, ки барои он ки шумо худро танҳо ҳис накунед, барои он ки илму ҳунар, касби дилхоҳ омӯзед, бо варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ машғул шавед, баҳри таъмини эҳтиёҷоти мадании шумо тамоми имкониятҳоро сафарбар менамоем".

Алҳол дар гӯшаву канори кишвар тантанаҳои солинавӣ идома доранд. Бо ташаббуси ҳокимияти шаҳри Тошканд ва Ҷамъияти ногироҳои ноҳияи Яккасаройи шаҳр дар толори бошукӯҳи меҳмонхонаи "Ӯзбекистон" чорабинии идона бахшида ба Соли нав баргузор шуд. Дар он намояндагони ҳокимият, ҷамъияти ногироҳои ноҳияву шаҳр, оилаҳои ногиродошта, оилаҳои эҳтиёҷманд ва серфарзанд иштирок намуданд.

– Духтарам ногирои модарзодӣ мебошад. Ба синни 27 даромад. Агар солим мебуд, ёри меҳрубон, модари ғамхор, бонуи хонадонаш мешуд. Ба тақдир тан дода, ӯро нигоҳубин мекунам. Ба ҳукумат, ба Президент ҳазорҳо ташаккур мегӯям, ки ба шахсони дилшикаставу эҳтиёҷманд ғамхорӣ ва кумаки инсонпарварона нишон медиҳад. Ҷамъияти ногироҳои ноҳияи Яккасарой, ки роҳбари он Зулфия Ёқубова мебошад, дар қатори дигар оилаҳои ногиродошта ба аёдати духтари ман низ мешитобад. Яке аз фаъолони ҷамъият Сайёра Саидзода мебошад, ки бо чунин корҳои инсонпарваронааш ба дили ҳар як маъюл оромӣ мебахшад. Соли нав ба ҳар як хонадон оромиву осудагӣ, файзу баракот ато намояд. Умари Хайём фармудааст:

*Сад каъбаи обу гил*
*ба як дил нарасад,*
*Каъба чӣ равӣ?*
*Бирав дилеро дарёб,*

– гуфт собиқ корманди рӯзномаи "Овози тоҷик" Маҳбуба Дадобоева.

Ба чорабинӣ Ҳунарманди мардумии Ӯзбекистон Матлуба Дадобоева ва дигар санъаткорон бо суруду таронаҳои дилнишини худ шукӯҳи тоза бахшиданд.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори "Овози тоҷик".**

**Чуноне ки аз ҷониби идораи обуҳавосанҷӣ хабар доданд, ин рӯзҳо дар ҷумҳурӣ ғайричашмдошт ҳаво ниҳоят сард хоҳад шуд. Бо ин хотир идораҳои вилояти Самарқанд оид ба таъминоти барқ, оби ошомиданӣ, гази табиӣ тадбирҳои иловагии муфид таҳия намуда, дар асоси он фаъолияти худро идома медиҳанд.**

# ИЛОҶИ ВОҚЕА ПЕШ АЗ ВУҚӮЪ

Дар урфият мегӯянд, ки рӯзатро фурӯшу рӯшноӣ хар. Дар замони мо зиндагиро бидуни неруи барқ тасаввур кардан душвор аст. Ба ин хотир шуъбаи вилоятии ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Шабакаи ҳудудии барқи Самарқанд» барои пешгирӣ ва беталаф гузаштани рӯзҳои сарди зимистон 24 бригадаи махсус барои бартараф кардани ҳолатҳои фавқулода ташкил кард. Аммо чуноне ки ҷонишини вазири энергетикаи ҷумҳурӣ Шерзод Хоҷаев иттилоъ дод, дар қаламрави ҷумҳурӣ дар як шабонарӯз дар минтақаҳо бо навбат дусоатӣ қатъ шудани неруи барқ пешбинӣ шудааст.

Дар шуъбаи вилоятии ҷамъияти масъулияташ маҳдуди интиқоли барқ хидмати маълумотдиҳӣ ҷорӣ намуданд, ки аз ҷониби мардум арзу шикоят қабул карда мешавад.

Инчунин, идораҳои таъминоти гази табиӣ ва «Сувоқова»-и вилоят низ тадбирҳои иловагии худро таҳия кардаанд.

Садорати нигаҳдории тандурустии вилоят бошад, барои дар ҳавои хунук бемор нашудан тавсияҳои худро тавассути шифокорони минтақавӣ паҳн менамояд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# ОМОДАГӢ БА САРДИҲОИ САХТ ДАР ҚАШҚАДАРЁ

**Бо ташаббуси ҳокимияти вилояти Қашқадарё омодагӣ ба зимистонгузаронии аксари аҳолии қаламрав ба таври фаврӣ тадқиқ гардида, ба қишри нодор, барҷомондагон ва оилаҳои бепарастор кумакҳои амалӣ расонда шуданд.**

Кормандони ҳокимиятро ба ин амал дар ин рӯзҳои сар задани сардиҳои аномалӣ дар аксари вилоятҳои ҷумҳурӣ водор кардааст. Назар ба маълумотҳо, ин гуна сардиҳо дар фасли зимистон дар бист соли охир бори аввал такрор ёфта, аслан хоси қаламрави мо набудааст. Аммо дар ҳамин давр аҳолиро бидуни талафоти ҷонӣ ба рӯзҳои нисбатан мусоид расонидан аз вазифаҳои аввалиндараҷаи раҳбарияти ҳокимияти шаҳру ноҳияҳо ба шумор меравад. Гуфта мешавад, ки вазъ дар тамоми маҳаллаҳои ҳанӯз бо гази табиӣ таъминнабуда аз рӯи рӯйихати пешакӣ омӯхта шудааст.

Аз ҷумла, ҳокимияти ноҳияи Қаршӣ тибқи чорабинии фаврӣ омодагии аҳолиро ба сардиҳои аномалӣ санҷида, ба аҳолии 58 маҳаллаи қаламрав ёрии амалӣ расонд. Ба онҳо аз захираи ҳокимият барои гарм кардани хонаҳояшон ангиштсанг тақсим карда шуд. Ҷамоаи шаҳрвандони маҳаллаҳои "Бодомзор", "Чӯлибӯстон", "Тинчлик" , "Навбаҳор", "Коҷор" ва "Истиқлол" ба миқдори 5 тоннагӣ ангиштсанг гирифтанд ва он таҳти назари масъулини ҳокимияти ноҳияи Қаршӣ ва шуъбаи кумак ба пиронсолони ноҳия ба оилаҳои дармонда тақсим гардид.

Аз дафтари матбуоти ноҳия ба мухбири рӯзнома гуфтанд, ки ҳоло корҳои захира кардани ангиштсанг идома дорад ва то имрӯз беш аз 2 ҳазор тонна чунин сӯзишворӣ ба қишри нисбатан нодори аҳолӣ расонида шуданд.

Раиси ҷамоати шаҳрвандони "Обод"-и ноҳияи Қамашӣ Ш. Эшмаматов гуфт, ки тибқи дастури ҳокимият ба нӯҳ оилаи камдаромад ва шахсони бепарастор кумаки амалӣ расонда шуд. Онҳо аз захираи ҳокимияти ноҳия ба миқдори муайян сӯзишворӣ гирифтанд.

Чунин чорабиниҳо дар дигар шаҳру навоҳии вилояти Қашқадарё низ роҳандозӣ шуда, хусусан ба шароити зисти мардуми деҳаҳои кӯҳистонӣ бештар эътибор дода шуданд. Аз ҷумла, дар ноҳияҳои Деҳқонобод, Китоб ва Шаҳрисабз, ки як қисмати аъзами аҳолии таҳҷоӣ дар кӯҳистон зиндагӣ мекунанд, омодагӣ ба сардиҳои фавқулода аз рӯи реҷаи махсус амалӣ гардиданд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори "Овози тоҷик".**
*Вилояти Қашқадарё.*



Бо ташаббуси ҳокимияти вилояти Андиҷон дар ҳудуди овули ҷамоати шаҳрвандони «Оқтуба»-и ноҳияи Кегейлии Ҷумҳурии Қароқалпоқистон корхонаи «Aqtuba textil group» ба фаъолият оғоз намуд. Корхонаи мазкур, ки арзиши лоиҳавиаш 30 миллиард сӯмро ташкил медиҳад, 500 нафар занону духтаронро бо кор таъмин намуд. Объекти нав иқтидори соле истеҳсол намудани 2,4 миллион дона маҳсулоти трикотажиро дорад. Корхона баробари ба кор шурӯъ намудан бо Федератсияи Русия шартномаи солонаи ҳамкориро ба имзо расонда, дӯхтани либосҳои мардона, занона ва бачагонаро ба роҳ монд.

**Дар сурат: дар корхонаи «Aqtuba textil group».**
**Суратгир: М.ҲАБИБУЛЛОЕВ (ӮзА).**

Аз ҳаёти маҳалла

# “КӮҲСОР” ВА ОЯНДАИ НЕКИ ОН

**Ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи “Кӯҳсор” яке аз маконҳои зисти тоҷикони ноҳияи Китоб буда, дар иҳотаи кӯҳҳои осмонбӯс воқеъ шудааст. Ин мавзеъ табиати дилфиреб дошта, дили ҳар бинандаро тасхир месозад.**

“Кӯҳсор” панҷ деҳаро дар худ муттаҳид кардааст: Ҷавз, Матмон, Деҳнави Боло, Аспидухтар ва Шут. Ҳар кадоме аз ин деҳаҳо таърихи ба худ хосе доранд. Аҳолии ин панҷ деҳаи кӯҳистониро саросар тоҷикон ташкил мекунанд. Раиси ҷамоати маҳаллаи “Кӯҳсор” Салим Норимов гуфт, ки ин деҳаҳо аз ҳам то дурии се-чор километр ҷой гирифтаанд, аммо ба шароити душвори кӯҳистон нигоҳ накарда, ба ҳар кадоми онҳо роҳи мошингард сохта шудааст. Ин роҳҳо бо ташаббуси кормандони маҳаллаи “Кӯҳсор” шағалпӯш низ гардидаанд. Танҳо фасли сармо рафту омад байни деҳаҳои мазкур андаке мушкил мешавад. Вақти барфрезиҳои шадид ҳаракати нақлиёт халал ёфта, муваққатан қатъ мегардад. Дар чунин маврид аҳолии кӯҳистон аз хидмати аспу харҳо истифода мекунанд ва мушкили худро ба навъе осон месозанд. Норимов таъкид кард, ки роҳи байни маркази ноҳияи Китобу ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи “Кӯҳсор”, ки 80 километрро ташкил медиҳад, ҳоло шағалпӯш гардидааст ва баъзан дар фасли зимистон ба далели боридани барфҳои баланд баста мегардад. Аҳолии атроф вақти мусоидии ҳаво маводи ғизоии худро харидаву захира месозанд.

Дар панҷ деҳаи ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи “Кӯҳсор” 6180 нафар аҳолӣ умр бар сар мебаранд. Мардуми ин маҳал аслан бо чорводорӣ, боғпарварӣ ва кишти зироати дигар машғул буда, маишати зиндагии худро аз ин роҳ таҳия месозанд. Дар ин обрав чор мактаби миёна ҳам фаъолият мекунанд ва дар онҳо ба фарзандони мардуми қаламрав таълиму тадрис дода мешаванд. Дар мактабҳои мазкур таълим ба забони тоҷикӣ бурда мешавад ва ҳар сол ин дабистонҳоро даҳҳо нафар духтару писарон хатм кардаву бархе аз онҳо барои идомаи таҳсил ба мактабҳои олии шаҳрҳои мухталифи ҷумҳурӣ мераванд.

“Кӯҳсор” як толори варзишӣ низ дорад, ки ҷавонон фурсати бекориҳо ба тамрини тану рӯҳи худ шуғл меварзанд. Толори варзишӣ ҳама вақт пур аз ҷавонон аст. Китобхонаи маҳалла бештар ҷойи дӯстдоштаи мардуми қаламрав буда, хоса фасли зимистон мизоҷони бештареро фаро мегирад. Китобхона захираи бой дошта, солона аз ҳисоби китобҳои тозанашр ғанитар мегардад.

Норимов таъкид намуд, ки дар деҳоти дурдасти маҳалла нуқтаҳои сайёри тиббӣ низ ташкил шудаанд, ки ҳангоми зарурат ба мардуми атроф кумаки тиббӣ мерасонанд. Минбаъд барои боз ҳам беҳбуд бахшидани шароити зисти мардум тарҳҳои хуберо рӯйи даст доранд, ки интизор меравад дар оянда амалӣ гарданд.

Дар деҳаи Ҷавзи маҳалла “Мамнӯъгоҳи геологии Китоб” ва “Боғи миллии Китоб” созмон ёфтааст, ки дар ин маҳал назир надоранд. Бештар олимон омадаву бо пажӯҳиши олами набототу ҳайвонот ва замини ин маҳал шуғл меварзанд. Ҳар сол барои дидани он аз гӯшаву канори ҷумҳурӣ низ одамони зиёде меоянд. Ҳатто ин макон диққати сайёҳони хориҷиро ба худ ҷалб намудааст. Табиати нотакрори деҳаҳои кӯҳистон метавонад боиси рушди ҷаҳонгардӣ ва туризми дохиливу хориҷӣ шавад. Дар ин самт корҳои шоёне анҷом меёбанд.

Раиси ҷамоат гуфт, дар асоси қарору фармонҳои Президент барои боз ҳам беҳбуд бахшидани шароити зисти мардум кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Тибқи нишондоди ҳукумат барои коҳиши фақр, таъмини қишри бекори аҳолӣ бо ҷойи кор, кумак ба дармондагон тарҳҳои алоҳидае ба роҳ андохта хоҳад шуд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**мухбири “Овози тоҷик” дар вилояти Қашқадарё.**

# МАРВОРИДИ СИНАМОИ ТОҶИК

**Актрисаҳо бисёр, вале коргардонҳо аз ҷумлаи бонувон хеле кам. Филмофарзанҳо, ки ба эътирофи умум сазовор шудаанд, ангуштшумор. Нигине, ки байни онҳо ҷудо шуда меистад, фикр мекунем, Марворид (Маргарита) Қосимова мебошад, ки ӯро барҳақ аввалин режиссёрзан дар Осиёи Марказӣ мешуморанд.**



Яке аз чеҳраҳои намоёни синамои тоҷик ҳоло ба зинаи ҳаштоду панҷуми умр қадам мегузорад, вале ҳамон рӯҳан бардам буда, бо тақозои зиндагӣ дар Белорус зиндагию эҷод мекунад.

Марворид Қосимова дар Сталинобод (Душанбеи ҳозира) чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Вай соли 1962 Институти давлатии умумииттифоқии кинематографияи Маскавро ба итмом расонд. Наздик 30 сол дар “Тоҷикфилм” заҳмат кашид ва аз сафи кинорежиссёроне ҷой гирифт, ки маҳсули эҷодашон дар хориҷ низ қалби миллионҳоро тасхир намудааст.

Ҳанӯз вақте донишҷӯ буд, Марворид филми ҳуҷҷатие таҳия намуд бо унвони “Қалби яқини Помир”. Маҳорати хуби таҳиягарии ӯ баъдан дар “Бародари ман Ғулом”, “Ибни Сино”, “Зебо”, “Сарчашма”, “Саҳифаҳои албоми куҳна”, “Кишвари ман”, “Роҳи баробари умр”, “Бо роҳи охирин”, “Фарёд”, “Роҳи сафед” барин филмҳои ҳуҷҷатӣ ба зуҳур омад. Киножурнали ҳаҷвии “Калтак”-ро аксарияти мо бо таваҷҷуҳу завқ тамошо кардаем. Қисмати зиёди ин киножурналро низ Марворид Қосимова таҳия намудааст.

Филмҳои бадеии ин коргардони номвар, айни замон, дурдонаҳои бебаҳо нафақат дар “Тоҷикфилм”, балки дар фонди тиллоии синамои умумииттифоқ қарор гирифтаанд. Хусусан, панҷоҳ-шаст соли охири синамои тоҷикро бе офаридаҳои ӯ – “Тобистони соли 43-юм”, “Ҷӯра-саркор”, “Роҳҳо гуногун мешаванд”, “Чор нафар аз Чорсанг”, “Бофандадухтар”, “Буд-набуд дар синфи якум”, “Имрӯз ва ҳамеша”, “Пайи динозавр куҷо мебарад?”, “Марди мутааллиқи ду зан”, “Ишқ баъди сад сол” тасаввур кардан душвор.

Модару модаркалони Марворид Қосимова аз Русия буданд. Модаркалонаш Олга ва бобои модариаш Дмитрий дар хонадони зиёиҳо тарбия ёфтаанд. Дар солҳои пурошӯб, аниқтараш, баъди табаддулоти октябрӣ (1917) Дмитрий парронда шуд. Олга бо чаҳор духтари хурдсол душвориҳои сахт аз сар гузаронд. Бо вуҷуди ин баҳри тарбия ва таълими хуб гирифтани онҳо аз таҳти дил ҳаракат кард. Онҳоро ба шавҳар дод. Яке аз духтаронаш ба тоҷикписар ҳамқисмат шуду дар Сталинобод зиндагӣ ихтиёр намуд. Духтарчадор шуд, Марворид ном гузоштанд.

Олга Ивановна тарбияи наберагонро низ то андозае ба зиммаи худ гирифта буд. Дар байни набераҳо ба Марвориди тоҷикистонӣ, ки зиндадилу серҳаракаттар ба назар метофт, меҳри ҷудогона дошт. Вайро бо худ ба Русия овард. Бо ҳидояти ӯ духтарча ба омӯхтани балети классикӣ машғул гашт. Дар мактаби мусиқӣ фортепианонавозиро ёд гирифт. Забони англисиро балад гашт. Набераю бибӣ асосан бо ин забон муомила мекарданд. Марворид вақт ёфта дар маҳфилҳои бадеӣ ширкат менамуд, нақшҳо мебозид. Тамошои филмҳои ҳунариро дӯст медошт. Орзуи актрисагӣ дар дил мепарварид.

Дар арафаи мактабро хатмкуниаш қарибон хостанд шарқшинос шавад. Тоҷикдухтар, ки ҳаст, форсиро амиқтар фаро гирад. Баъди соҳиби номаи камол шудан вай ба Маскав омад. Мехост ба шуъбаи шарқшиносии факултаи филологии Донишгоҳи давлатии Маскав ҳуҷҷат супорад, вале орзуе, ки дер инҷониб дар қалб мепарварид, ӯро рост ҷониби ИДУК (ВГИК) раҳнамун намуд. Имтиҳонҳои қабулро бомуваффақият супурд. Дар ИДУК таълими ҳунариро дар устохонаи А. Довженко ва М. Чаурели, ки ситорагони синамои шӯравӣ буданд, фаро гирифт. Л.Гурченко, Л. Федосеева, В.Туров, Л. Шипетко барин ҳамдарсҳояш оянда дар равнақи санъати кино саҳми муносиб ҳамроҳ карданд.

Баъди хатми боргоҳи ҳунар Марворид роҳи зодгоҳро пеш гирифт. Устодони санъати худӣ аз ҳаракатҳояш ба тавфиқёбии ӯ амин гаштанд ва бо боварӣ гуфтанд кинои тоҷик аз вай ояндаи дурахшонро умедвор шуданаш мумкин. Хато накарда будаанд онҳо. Дебюти Марворид дар “Тоҷикфилм” бо унвони “Тобистони соли 43-юм”, ки соли 1967 рӯйи экран дид, аз ҷониби ҳаводорони синамо ва мутахассисони соҳа баҳои хеле баланд гирифт.

Баъдтар ҳар филме, ки офарид, аз бозёфтҳои тозаи “Тоҷикфилм” эътироф ёфт. Аз ҳама бештар “Ҷӯра-саркор”, “Имрӯз ва ҳамеша” барин картинаҳояш маълуму машҳур гардиданд.

Коргардони сермаҳсул дар “Туркманфилм” низ якчанд кинокартина таҳия намуд. Баробари ҳамин барои кино сенарияҳо навишт. Дар “Муҳаббати нахустини Насриддин», “Ҷинояткорон ва адвокатҳо” барин филмҳои бадеӣ нақшҳо бозидаву чун актрисаи бомаҳорат низ худро нишон дода, дар олами садранги синамо “маликаи чиҳил шаҳри ҳунар” буданашро собит намуд.

(Давомаш дар саҳ.4).



# ДАРОМАД АЗ ГУЛПАРВАРӢ

Замини наздиҳавлӣ манбаи даромад мебошад. Аҳолии ноҳияи Тошлоқи вилояти Фарғона аз ҳар як ваҷаб замини наздиҳавлиашон босамар истифода бурда, мактаби хоси деҳқониро ба вуҷуд овардаанд. Соҳибкор Элёрбек Каримов дар 1 гектар майдон гармхона 9 навъи гулро парвариш мекунад. Ӯ, дар баробари ба даст даровардани даромад аз гармхона, 10 нафар занону духтаронро бо кор таъмин намуд.

– Гулпарварӣ меҳр ва меҳнати машаққатнокро талаб мекунад, – мегӯяд Э.Каримов. – Ин ҷо пештар замини бекорхобида буд. Алҳол ба гулзор табдил ёфтааст. Гулҳоямонро ба кишварҳои хориҷ низ барои фурӯш мебарорем.

**Дар сурат: дар гармхона.**
**Суратгир: М.ҚОДИРОВ (ЎзА).**

# «ИН ХОК ФИРЕБОСТ, ВАЛЕ ХОКИ ВАТАН НЕСТ!»

**Улдона Қараева 13-уми феврали соли 1965 дар деҳаи Дарбанди ноҳияи Бойсун чашм ба олам кушодааст. Соли 1982 мактаби рақами 9-уми зодгоҳашро хатм намуда, ба факултаи забон ва адабиёти Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон шомил шудааст. Пас аз хатми донишкада ду сол дар мактаби зодгоҳаш муаллима буд. Соли 1988, баъди издивоҷ, ба шаҳри Қаршӣ рафта, дар Ширкати садову симои вилоят кор кард. Аввали солҳои 2000 хабарнигори “Овози тоҷик” дар вилояти Қашқадарё буд. Баъдан сарнавишт ӯро аз Ватан ба дурҳо бурд...**

Ман хонум Қараеваро аз даврони мактабхонӣ мешиносам. Навиштаҳояш зеби саҳифаҳои «Овози тоҷик» буданд ва мо онҳоро бо завқу шавқ мутолиа мекардем. Баъд ин номро «гум» кардем, куҷо шуду куҷо рафт, намедонистем. Пасон фаҳмидем, ки бо тақозои тақдир ба хориҷи кишвар рафтаасту инак 17 сол боз дар Шветсия кору зиндагӣ мекунад.

Чун занг зада ҳол пурсидам, хурсанд шуд ва суҳбати мо дер давом кард...

**– Чаро Улдона...?**

– Номи бибиҷонам – модари падарам аст. Падарам, ин номро бинобар эҳтироми баландаш ба модар ба ман ниҳодааст. Баъдан, ман дар хонадон фарзанди панҷум ҳастам. Нахустфарзанди хонадон писар ва аз қазо чор нафари боқӣ ҳама духтар будем. Бо орзуи дубора писардор шудан падарам ба ман Улдона ном гузоштааст. Аммо модарам боз духтар ба дунё овард ва падар ба ӯ Ӯғлон ном ниҳод. Худованд онҳоро ноумед накард: – модарам паи ҳам ду писар таваллуд кард. Ихтиёр ва Умедҷон ном доранд додаракони ман.

Дар ҳамин мавзӯъ як чизро таъкид карданиам: дар Шветсия баъзе ҳамватанон аз исми худ даст кашида, расман номҳои маҳаллӣ интихоб карданд. Аммо ман... дилам нашуд, ки ягона ёдгор аз падарҷонамро аз даст бидиҳам. Ба ҷуз адаб боз ҳамин ном аст, ки аз падар ба мерос гирифтаам. Он маро дур аз Ватан чун фарзанди Ватан муаррифӣ мекунад.

**– Саломат бошед. Ватанро пазмон шудагистед...**

– Эҳ, напурсед. Ҳар нафаси мо бо ёди Ватан мегузарад. Ба қавле “Худам ин ҷо, дилам он ҷо...” Ватан ва Модар. Ду вожаи муқаддас, вақте диққат мешавӣ, ҳатман ҳар дуро якҷо талаффуз мекунӣ. Ман модарам. Бо Ватан тавъам ҳастам. Моро ҷудо тасаввур кардан ғалат аст. Боз кас дар мусофирати тӯлонӣ чунон меҳандӯст мешавад, ки агар як умр дар Ватан бизияд, ин қадар меҳр нахоҳад дошт. Ман хеле хуб дарк мекунам, “Ин хок фиребост, вале хоки Ватан нест!..”

**– Дар замони Президенти феълӣ мароми сиёсии кишвар тағйир ёфта, бисёре аз ҳамватанони мо дубора ба Ватан меоянд. Оё ният доред, ки ба Ватан баргардед?**

– Мо хеле хушҳолем, ки Ватанамон аз ҳар нигоҳ рушд мекунад ва рӯ ба ҷаҳони мутамаддин овардаву дунболи сохтани як ҷомеаи мардумсолор гом мениҳад. Ҳарчанд аз Ватан дурем, аммо аз мӯҳтавои Мурроҷиатномаи Президент Шавкат Мирзиёев ба Олий Маҷлис ва мардуми кишвар, дигар пешрафтҳои Ватани ҷонаҷонамон бохабарем. Мамлакат дар садади як ислоҳоти фарогири иқтисодиву сиёсӣ қарор дорад. Итминон дорем, ки ҳамватанон муваффақ мегарданд. Хоса, ба соҳаи таълим ва маорифи халқ бештар таваҷҷуҳ зоҳир кардани роҳбари давлат маро хуш омад. Ҳар кишваре, ки дар таълим ва тарбия забардаст шуд, бешак ояндаи дурахшон дорад.

Ман ҳам, иншоаллоҳ, ба Ватани маҳбуб бармегардам. Ёди дӯстон, ҳамқаламони ниҳоят меҳрубонам дар “Овози тоҷик”, ки хеле дӯсташон медорам, таборони баоқибат, пайвандон... ҳамвора маро ба сӯйи худ мехонанд. Ҳоло дар ҷараёни омодасозии санадҳо ҳастем. Чун корҳо мусбат анҷоманд, ҳатман ба сӯйи диёр парвоз мекунам. Муштоқи оби ширину ҳавои ҷонбахшаш ҳастам. Хоса, зодгоҳам – Дарбанд ва мардуми шарифашро хеле пазмон шудаам.

**– Дар Шветсия бо чӣ кор машғулед?**

– Мо ҳамроҳи оилаам дар шаҳри Сундовалл зиндагӣ мекунем. Ин шаҳраки зебову диданист. Ҳоло худам дар шаҳрдории Тимро дар шуъбаи хадамоти иҷтимоӣ ва бахши шуғлу қаробат кор мекунам. Бо мардуми мисли худам муҳоҷир суҳбат мекунам, тренингмашғулоти гуногун мегузаронам.

**– Пас забони шведиро хуб медонед?**

– Албатта. Забон надонӣ, ин ҷо ту касе нестӣ ва ба дурустӣ кор ҳам наметавонӣ пайдо бикунӣ. Вақте 17 сол муқаддам бо тақозои тақдир ин ҷо омадем, забони шведиро дар ҳафт моҳ ёд гирифтам. Чунки дар мактаб мо забони немисӣ хонда будем. Аксари вожаҳои ин забон ба немисӣ монанд буданд, ки кори забономӯзии маро хеле осон кард. Пасон курсҳои мутарҷимиро низ фаро гирифта соҳиби сертификат гаштам.

**– Кадом ҷиҳати он кишвар ба шумо писанд аст?**

– Дар Шветсия, куллан дар аксари мамолики Аврупо низ қонунҳо хеле хуб риоят мешаванд. Кабиру сағир нест, касе ҳад надорад, ки берун аз қонун пой гузорад. Баъдан, дар ин ҷо раҳбарон кибре надоранд, бо ходим дар як зина мебошанд. Раҳбарро мебинед, ки агар фаррош замоне дер кард, бе ҳеҷ хиҷолат латта дар даст ба тоза кардани гарди анҷомҳои дафтараш машғул мегардад ва аз ин ҳеҷ нороҳатӣ ҳис намекунад. Муомилаҳо гарм ва хеле самимӣ ҳастанд.

**– Агар ба Ватан баргардед, бештар доир ба кадом мавзӯъҳо менависед?**

– Хушунати хонаводагӣ. Дар назари ман ин мавзуи доғтарин аст ва дар ҷомеаи суннатии мо занон бештар таҳти фишори мардҳо қарор доранд, озори равонӣ мебинанд...

**– Чаро дар вилояти Қашқадарё, ки шумо солҳои зиёд он ҷо зистаед, дар байни бонувони тоҷики муқими он эҷодкоре ба назар намерасад? Ё ҳасту мо бехабарем?**

– Ман ҳам ин чизро мушоҳида кардаам. Хеле дар шигифтам, ки чаро аз байни бонувони тоҷики вилояти Қашқадарё нависанда ё шоирае нест? Фикр мекунам, шояд сабаб ҳамон хушунати оилавӣ бошад. Духтарони соҳиби лаёқати баланд, албатта, зиёданд, аммо на аз ҷониби омӯзгор ва на аз ҷониби волидайн дастгирӣ мешаванд, бо тақозои калонсолон барвақт ба шавҳар расида, орзуҳои худро дар қаъри дил гӯр мекунанд. Ин мавзӯи ҷолибест ва таҳқиқ мехоҳад.

**– Хабарнигори “Овози тоҷик” дар вилояти Қашқадарё таъин шудани шумо низ таърихчае доштагист...?**

– Дорад. Пас аз хатми бахши филологии Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе ду сол дар мактаби рақами 9-уми деҳаи Дарбанди ноҳияи Бойсун кор кардам. Дар баробари омӯзгорӣ пайваста аз ҳаёти мардуми маҳал хабару мақола менавиштам, ки аксар дар “Овози тоҷик” нашр мешуд. Баъд, соли 1988 аз Дарбанди ноҳияи Бойсун ба шаҳри Қаршӣ арӯс шуда омадам. Ин ҷо мактаби тоҷикӣ набуд, ки кор кунам.

Ба назди сармуҳаррири “Овози тоҷик”, шодравон устод Шавкат Ниёзов рафтам. Он кас хоҳиш намуданд, ки ду-се моҳ ба сифати мухбири ҷамоатӣ кор кунам, пас расман ҳуҷҷати мухбирии рӯзномаро месупоранд. Дере нагузашта дар рӯзнома чун хабарнигори ин вилоят номи Неъмат Эшқувватов пайдо гардид. Минбаъд яке паси дигаре соҳиби фарзанд шудам ва орзуи кор дар “Овози тоҷик” чандин сол ба ақиб афтод. Аммо навиштаҳоям мунтазам рӯйи чопро медиданд. Ҳамин тавр соли 2000-ум маро чун хабарнигори “Овози тоҷик” дар вилояти Қашқадарё расман пазируфтанд, ки ин вазифаро то соли 2006 содиқона иҷро намудам. Ҳамин шаш сол дар ҳаёти ман беҳтарин дамҳо буданд. Охир, ба забони модарии худ, боз дарди ҳаммиллатонро навиштан басо хушоянд буд.

(Давомаш дар саҳ.4).

**Ба туфайли ислоҳоти Сарвари давлат дар маҳаллаю минтақаҳои дурдаст сохта шудани таълимгоҳҳои замонавӣ боиси аз байн рафтани мушкилоти мардум мегардад.**

# ДУ МАКТАБИ НАВ ДАР НОҲИЯИ КОГОН

Дар ноҳияи Когон низ дар ин бора корҳои ҷолиби диққат ба чашм мерасанд. Наврасони деҳаи Пӯлодчӣ дар давоми солҳо дар бинои фатаротгашта таълими ибтидоӣ гирифта, барои идома додани таҳсил ба мактаби деҳаи ҳамсоя мерафтанд. Акнун ба ин ҳоҷат намонд. Тибқи Барномаи “Деҳаи обод” аз ҷониби ҷамъияти масъулияташ маҳдуди “Бунёдкор Иззатулло сохтмон” ба ивази 4 миллиарду 111 миллион сӯм сармоя бунёду муҷаҳҳаз гардидани бинои нави мактаб (дорои 220 ҷой) ва толори варзишии замонавӣ орзуи деринаи падару модарон рӯйи об баромад. Ба ин муносибат маросими мутантани ба истифода супоридани таълимгоҳ ба амал омад. Иштироккунандагони чорабинӣ барои ин ғамхорӣ сипосгузорӣ карданд ва наврасонро водор намуданд, ки бо баҳои аъло хонда, бинокорони муносиби Ӯзбекистони Нав шаванд.

Ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи “Сорғун” аз маркази ноҳия 30 километр дур аст. Аҳолии ин ҳудуд низ дар соли нави 2023 комёб гардиданд. Онҳо бо шарофати Барномаи давлатии “Деҳаи обод” ва ҳимматбаландии бинокорони корхонаи хусусии “Галаосиё сохтмон” соҳиби бинои нави мактаб (дорои 240 ҷой) ва варзишгоҳи зимистонӣ гардиданд. Барои ин қариб 4 миллиард сӯм маблағ харҷ гардид.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори “Овози тоҷик” дар вилояти Бухоро.**

Таътили бачаҳо

# ДАР ОЛАМИ АФСОНАҲО

**Барои хушу хуррам гузаронидани таътили зимистонаи бачаҳо ҷамоаи театри мусиқӣ-драмавӣ ва театри лӯхтаки вилоят икдом намуданд, ки саргузашт-намоишномаҳо ба саҳна гузоранду манзури тамошобинони хурдсол гардонанд.**

Онҳо ба нақша гирифтаанд, ки тӯли даҳрӯзаи аввал рӯзе ду маротиба саргузаштҳо ба намоиш гузошта шавад. Айни замон дар театри вилоятии мусиқӣ-драмавӣ саргузашти «Алмоси баҳодур ва саргузаштҳои солинавии ӯ»-ро хурдтаракон тамошо мекунанд. Ин асар ба қаламӣ Ҷӯра Маҳмуд мансуб буда, нақши асосиро ҳунарпешаи театр Санҷар Мустопов бозидааст.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти Ҷиззах.*

# САМАРАИ ИСЛОҲОТ

**Дар Мурроҷиатномаи Сарвари давлат ба Олий Маҷлис ва халқи Ӯзбекистон ба ислоҳоти васеъи иқтисодӣ диққати махсус дода шудааст. Алалхусус дар рушди минбаъдаи иқтисодиёт нақши сармояи маҳаллӣ ва хориҷӣ бағоят калон мебошад.**

Боиси хушнудист, ки дар вилояти Самарқанд соли гузашта беш аз 260 миллион доллар сармояи хориҷӣ ворид гардид.

Дар арафаи Соли нав боз ду корхонаи коркарди пилла ба истифодабарӣ супурда шуд, ки яке дар ноҳияи Иштихон ва дигаре дар ноҳияи Пайариқ аст.

– Бо ташаббус ва дастгирии сарвари давлатамон танҳо дар ноҳияи Иштихон 370 гектар майдон барои тутпарварӣ ҷудо карда шуда, беш аз 300 оилаи пудратӣ бо кирмакпарварӣ машғул мешуданд,– гуфт сарвари корхона Сироҷиддин Ёриев, – аз ҳама муҳим 1500 ҷойи корӣ ташкил гардид. Соли гузашта 45 тонна пилла фурӯхтем. Имсол ин нишондод ба якуним баробар афзоиш хоҳад ёфт.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

Бонувони омӯзгор

# САҲМИ УСТОД АЗ ПАДАР БЕШ АСТ

Шоири бузург Абдураҳмони Ҷомӣ беҳуда нагуфтааст:

*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

Дарҳақиқат, дар такмилу ташаккули таълиму тарбияи шогирдон хизмати устодон хеле бузург аст, зеро дар ҳар давру замон мақоми устодон ҳамеша дар сафи пеши мардумон аст.

Дар рӯзҳои охир дар бобати сифати таълиму худдориву муносибатҳои омӯзгору хонанда ва тарбиягарон фикрҳои гуногун баён шуда истодааст.

Дар кадом ҳолате ки набошад, омӯзгори соҳибтаҷрибаву донандаи соҳаи худ ва ҷустуҷӯйкунандаи усулҳои нави таълим доимо боиси эҳтирому эътирофи шогирдону падару модарон мегардад.

Баъзе мегӯянд, ки тарбия кори тарбиятгар буда, таълим фаъолияти омӯзгор аст. Албатта не, чунки кори таълим ҳам тарбияву ҳам таълимро дарбар мегирад. Ҷавонон асоси тарбияро аз падару модар мегиранд: вохӯрӣ, худдорӣ, тарзи либоспӯшӣ, сухандонӣ, муносибат бо ҳамагон ин ҳама нишонаи аввалини тарбия аст. Мақсади асосии мактабҳои имрӯза ва омӯзгорон аз он иборат аст, ки шогирдонро дар рӯҳи хислатҳои неки инсонӣ тарбия намуда, онҳоро ба ояндаи Ватан – Ӯзбекистони Нав омода созанд. Барои ин мақсад дар мактабҳо тадбирҳои гуногун гузаронида мешаванд, ки он ба хонандагон ҳам тарбия ва ҳам таълим медиҳад, барои омӯхтани хислатҳои хуби инсонӣ ва донистани арзишҳои миллӣ кӯмак мерасонад. Аз ҷумла, дар муассисаҳои таълимӣ гузаронидани моҳонаи фанҳо аз як тараф мустақилона дар соҳаи худ кор кардани омӯзгоронро водор созад, аз тарафи дигар шавқу ҳаваси хонандагонро доир ба ин фанҳо зиёд мегардонад.

Моҳи ноябр – моҳонаи забонҳои хориҷӣ дониста шудааст. Аз ин рӯ, дар мактаби миёнаи 16-уми ноҳияи Самарқанд бо роҳбарии омӯзгори боистеъдоди мактаб Шаҳло Саидова гузаронидани як қатор чорабиниҳо ба нақша гирифта шудааст.

Гузаронидани тестҳои дохилӣ барои муайян кардани сифати таълим аз фанҳои мазкур ба пешрафти самаранокии таълим яке аз воситаҳои муҳим аст, зеро байни муаллимон ва хонандагон рақобати дохилӣ ба вуҷуд омада, ҳар як барои беҳтар шудани кори худ ва фаъолияти педагогӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад. Гузаронидани дарсҳои кушод ва тадбирҳо савияи фаъолияти омӯзгоронро муайян менамояд.

Аз тарафи омӯзгорон Ҷамила Турдиева дар синфи 9 «А» ва Камола Шодиева дар синфи 10 «Е» дарсҳои кушод гузаронида шуд. Омӯзгорон дар рафти дарсҳои худ аз воситаҳои услубии гуногун истифода карда, барои самаранокии дарси худ муваффақ шуданд. Бояд гуфт, ки аксарияти омӯзгорони ин мактаб дастпарварони худи ҳамин мактаб буда, паҳлӯ ба паҳлӯ якҷоя бо устодони худ меҳнат мекунанд.

Гулдаста Аюбова низ яке аз омӯзгорони соҳибтаҷрибаи мактаб аст. Соли гузашта дар натиҷаи аттестатсияи давлатӣ соҳиби тоифаи олӣ гашт. Касби худро хеле дӯст медорад.

Ӯ соли 1987 мактаби мазкурро хатм карда, донишҷӯи ДДС мегардад ва пас аз хатми он ба мактаби худ омада, фаъолияти омӯзгориашро оғоз медиҳад, муаллима қироати шеърҳои нотакрори шоирони тоҷик ва хондани асарҳои онҳоро дӯст медорад. Дарсҳои худро бо як эҳсосоти баланди омӯзгорӣ мегузаронад.

Омӯзгорӣ касби хеле пурмашаққат аст. Баъзан падару модаре, ки тарбияи фарзандашро дуруст ба роҳ монда наметавонад, тарбияи он ба зиммаи омӯзгорон меафтад ва аз оне, ки ҳиссиёти баланди инсонӣ бо онҳост, ӯро ҳам тарбият мекунанду ҳам таълим медиҳанд.

Беҳуда нест, ки сарвари давлатамон Шавкат Мирзиёев силсилаи пешниҳодотро дар рафти беҳдошти сифати таълим ба амал ҷорӣ намуд. Аз корҳои тозакунии хиёбону кӯчаву корҳои саҳроӣ озод кардани омӯзгорон худ як натиҷаи дилхоҳи ин чораҳо аст.

Чӣ қадар ба мактабу маориф эътибори махсус диҳем, он албатта, натиҷаи дилхоҳ медиҳад, чункиояндаи миллату Ватан ба ҷавонони соҳибмаълумоту соҳибтарбия вобаста аст.

**Фарида АҲМАДОВА,**
**вилояти Самарқанд.**

Бонувони суханӯй



# ҶӮЯНДА ЁБАНДА АСТ

Дилрабо Назарова дар расонаҳои ахбори Самарқанд яке аз чеҳраҳои шинохта ва соҳибтаҷриба ба шумор меравад. Ҳар гоҳ мо ин бонуи сухандони ҳозирҷавоб, хандонрӯро тавассути «оинаи нилгун» бинем, боварӣ ҳосил мекунем, ки барномаи аҷоиб чашмдори тамошобинон аст.

Воқеан, қаҳрамони лавҳаи мо ҳам роҳи душвори ҳаётро тай намуда, ба муроди дил расидааст. Зеро, «ба ҳар коре,ки ҳиммат баста гардад, агар хоре бувад, гулдаста гардад».

Ӯ аз айёми бачагӣ ба хондану ровигӣ ҳаваси зиёде дошт. Дар панҷ ё шашсолагии ӯ тӯйи арӯсии амакаш баргузор гардид. Бо ҳамин муносибат мебоист ҷиянҳо табрик гӯянд. Ду хоҳарак – Шаҳло ва Дилрабо барои табрик гуфтан шеър азёд карданд. Дар базми никоҳӣ баранда ба онҳо навбат дод. Шаҳлои мактабхон хост аввал микрофонро гираду шеърро хонад, шармида ва бо истиҳола чизе гуфтанӣ буд, ки Дилрабои чаққону чолок микрофонро рабуда, шеърро хонд. Ин нахустин баромади ӯ дар назди омма буд, ки шояд аз аввалин имтиҳон сарбаландона гузашт. Сипас, солҳои таҳсил дар мактаби рақами 12 ва 68-уми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё гузаронидани тамоми анҷуману шабнишиниҳо ба зиммаи ӯ гузошта шуд. Омӯзгори беҳтарини фанни забону адабиёти тоҷики ноҳия Иноят Ҷӯраева кӯшиш ба харҷ медод, ки шогирди соҳибистеъдодаш сухандону сухансанҷи номдор шавад. Вай барои ба муроди дил расидан аз ашъори алломаҳои форсу тоҷик Абулқосими Фирдавсӣ, Абӯабдуллои Рӯдакӣ, Носири Хусрав, Умари Хайём, Саъдии Шерозӣ, Абдулқодири Бедил, Шайх Саъдӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва шоирони муосири тоҷик намунаҳо ёфта медод.

Дилрабо Назарова дар чанд олимпиадаи вилоятӣ ва ҷумҳурӣ ғолиб гардида, соли 1999 ба таври имтиёзнок ба факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд дохил шуд. Дар мактаби олӣ аз устодони меҳрубонаш бисёр чизҳоро омӯхт. Маҳз солҳои донишҷӯӣ дар шуъбаи тоҷикии ширкати симо ва садои Самарқанд (СТВ) такмили ихтисос намуд. Пас аз соҳиби дипломи аъло шудан, дар зодгоҳ фаъолияти меҳнатиро аз омӯзгорӣ давом дод, вале дилбохтагӣ ба касби журналистӣ ва ровигӣ ӯро боз ба шаҳри бостонӣ овард. Имрӯзҳо ҳамчун хабарнигори шабакаи СТВ ва муҳаррири бахши «Ориён» фаъолият мебарад.

– Боиси хушнудист, ки пас аз ба идораи телевизиони Самарқанд омадан дар дасти сухандону сухансанҷи пухтакор ва дилсӯз Шаҳло Аҳророва тарбия ёфтам, – мегӯяд Дилрабо, – аз устоди хушбаёни фидокорам, ки тӯли солҳо дар шабакаи «оинаи нилгун» фаъолияти худро идома медиҳад, бисёр чизҳоро омӯхтам. Рости гап, маданияти баланд, вусъати доираи васеи дониш, гуфтор ва рафтори боназокати ӯ касро мафтун месозад. Муҳимаш, дар дилҳо майли пайваста суҳбати дилнишину самимӣ оростан, аз донишу таҷрибаи пурфайзу пурсаховат баҳравар шуданро илқо мекунад.

Боз як мактаби бузурги ман барномаҳои ҷолиби таваҷҷуҳи телевизиони Тоҷикистон ва Ӯзбекистон аст. «Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад» мегӯянд, ки ҳақ аст. Қабл аз таҳияи ин ё он барнома албатта аз ҳамкорон маслиҳат мепурсам. Охир бузургон насиҳат кардаанд:

*Дар ҳама кор машварат бояд,*
*Кори бемашварат накӯ н-ояд.*

Назар ба ақидаи наттоқи телевизиони Самарқанд Шаҳло Аҳророва фазилатҳои хоссаи Дилрабо дар сайқал додани истеъдоди хеш ва пайдо кардани шоҳроҳаш аст. Зеро баъди ба мавҷи ҳаво баромадани барномаи ӯ мухлисон ба мо занг зада, арзи сипос менамоянд.

Ҳар гоҳе, ки дар Самарқанд анҷумани фарҳангӣ ва ғайра баргузор гардад, Дилрабо, албатта, гузориши хеле олиҷаноб таҳия мекунад.

Ин бонуи ҳунар ва доништалаб мутолиаи китобро дӯст медорад. Ана барои ҳамин худ рисолаи докторӣ дифоъ намудааст. Бинобар ҳамин, ман бо ифтихор мегӯям, ки «турфа шогирде, ки ба ҳайрат гузорад устодро»...

Дарвоқеъ, Дилрабо Назарова ба наздикӣ таҳти роҳбарии профессор Муслиҳиддин Муҳиддинов таҳти мавзӯи «Таҳлили қиёсии достонҳои «Субҳат-ул-аброр»-и Абдураҳмони Ҷомӣ ва «Ҳайрат-ул-аброр»-и Алишери Навоӣ» рисолаи илмиашро ҳимоя намуда, дараҷаи доктори фалсафа оид ба илмҳои филологиро дарёфт намуд. Аз ҳама муҳимаш, бо ҳамроҳии ҳамсараш Шералӣ Саидов фарзандонаш Фариза, Довуд, Фараҳноз ва Дониёрҷонро ба замона муносиб таълиму тарбия дода, ҳамон саргарми фаъолияти журналистӣ аст.

Аммо таъкид кардан ҷоиз аст, ки ҳар як касб душворӣ дорад, ки барои бартараф кардани он маҳорат, дониш ва меҳнат лозим. Бинобар ҳамин тележурналист шудан осон нест. Қаҳрамони лавҳаи мо Дилрабо Назарова мегӯяд, ки агар одам дар ҷавонӣ душворӣ надида бошад, дар оянда ба муроди дил расидан амри муҳол.

– Вале муаммои аввалин забони адабӣ, – фикрашро қувват медиҳад мусоҳиби мо, – дуюм аз калимаҳои забонзад баромадан. Сонӣ, суҳбати озод, сода, фаҳмо лозим. Боз як пешравӣ барои журналисти бо микрофон мусаллаҳ – пайдо кардани шавқу ҳаваси суҳбат бо саволҳои аҷибу ғайричашмдошт. Ва фаромӯш набояд кард, ки «ҷӯянда ёбанда аст».

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти САМАРҚАНД.*




# «ИН ХОК ФИРЕБОСТ, ВАЛЕ ХОКИ ВАТАН НЕСТ!»

(Аввалаш дар саҳ.3).

**– Аз даврони кор дар “Овози тоҷик” кадом воқеа дар хотири шумо сахт нақш бастааст?**

– Бо дархости банда барои “Овози тоҷик” аз Хонаи матбуоти вилоят як дафтари кор (кабинет) ҷудо карданд. Дар Қаршӣ рассоми хубе буд аз тоҷикони ноҳияи Косон Азамат ном дошт. Ҳунари волояш ҳамаро ҳайратзада мекард. Пешаш рафтам ва хоҳиш намудам, ки бо номи рӯзнома овезае сохта диҳад. Азамат “Овози тоҷик”-ро чунон устокорона рӯйи коғаз овардаву дар тоблуи мунaққаш ҷой дод, ки ҳар бинанда ҳавас мекард. Онро дар даромадгоҳи Хонаи матбуот насб намудем. Овезаи мо дар зебоӣ беҳамто буд. Акнун қатори номи дигар рӯзномаҳо “Овози тоҷик”-ро низ мехонданд. Ман хеле ифтихор мекардам. Як рӯз ба ҷойи кор биёям, овеза нест. Гуфтанд, ки нафаре аз ҳокимияти вилоят омадаву гуфтааст, ки «агар ҳама рӯзномаҳо ин хел номи худро овезанд, дар девори Хонаи матбуот ҷой намемонад. Барканед!» Кӯрдилон он асари санъатро бо номи “Овози тоҷик” канда ба анбор андохтаанд. Аз кирдори зимомдорони дилсиёҳ сахт хафа шуда, оби дида рехта будам. Ҳамин амали касиф чун ҷароҳати гарон ҳанӯз дар дили ман мондa....

**– Дар давоми 17 сол ягон бор ба Ватан наомадед?**

– Не. Наомадаам, кӯшишҳоям беҳуда буданд. Танҳо соли 2018 ба шаҳри Душанбе рафта, азизони худро онҷо дида, андаке хумор шикастам.

**– Чӣ сабаб буд, ки тарки Ватан намудед?**



– Шавҳарам корманди радиои хориҷӣ буд. Ҳамон замон ба далели амният дар шаҳри Бишкек кор мекард. Дигар нахостам фарзандонам ҷудо аз падар ба воя расанд ва ҳамин зарурат маро аз пайи шавҳар бурд. Фикр мекунам, ин қарори оқилона буд. Чун имрӯз фарзандон аз меҳри падар комилан бархурдоранд, таҳсили хуб гирифтанд, забонҳои хориҷиро мукаммал андӯхтанд.

**– Аҳли хонадон ба кадом забон ҳарф мезанед?**

– Албатта, ба тоҷикӣ. Танҳо ба лаҳни тоҷикони Дарбанд.

**– Апаи Улдона, Соли нав ба шумо ва пайвандонатон муборак бод. Истиқболи Соли нави оянда дар Ватан насибатон бодо!**

– Ташаккур. Соли навро ба шумо ва кулли мардуми шарифи тоҷик, хоса ҳайати таҳририяти “Овози тоҷик” ва дӯстон самимона табрик мегӯям.

**Мусоҳиб Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори “Овози тоҷик”.**

# ФАЪОЛНОКИРО АЗ ДАСТ НАМЕДИҲАД

Дар ёд дорам, соли 2008 таҳририяти рӯзномаи ноҳиявии Шофиркон ба бинои дигар кӯчид. Он солҳо саҳифаҳои тоҷикии рӯзномаҳои ноҳияҳои Пешкӯ ва Ромитан фаъолияташонро бас карда бошанд ҳам, чопи саҳифаи тоҷикии «Шофиркон овози» бо сарварии Мубин Носиров идома дошт.

Банда, ки мухбири ҷамоатии он будам, аз рӯйи кор зуд-зуд меҳмони ин даргоҳ мешудам. Рӯзе ба таҳририят омада, на Мубинакаро ва на масъули саҳифаи тоҷикии рӯзнома Икромҷон Ориповро дарёфтам. Вақте баргаштанӣ шудам, бо бонуи хушмуомила рӯ ба рӯ шудам. Ӯ пиёлаи чойи гармро дароз карда гуфт, ки чанд дақиқа интизор шавам...

Баъди чанд дақиқа Икромҷону Мубинака паси ҳам даромада омаданд.

– Алимурод шинос шавед, ин кас мудири шуъбаи маданияти рӯзнома Тамара Бӯронова, – гуфт М. Носиров. – Дастпарвари Донишкадаи омӯзгории Душанбе, яке аз бонуҳои соҳибқаламони Шофиркон.

Пас аз ин воқеа мақолаҳои ҷаззоби Тамара Бӯронова ба чашмам мерасид ва ӯ дар як муддати кӯтоҳ маҳбуби газетхонон гашту соҳиби иззату эътибор шуд.

Боре аз ӯ пурсидам, ки чаро номашро «Тамара» гузоштаанд.

– Вақте шодравон падарам дар Ҷанги дуюми ҷаҳон бар зидди фашистон ҷанг мекард, рӯзе ба назди онҳо Ҳунарманди мардумии ИҶШС Тамарахонум ташриф меоварад. Консерт ба падарам маъқул мешавад ва ният мекунад, ки рӯзе ин ҷанги хонумонсӯз итмом меёбаду ба хона бармегардем. Вақте хонадор шаваму Худо ба ман духтар диҳад, номи ӯро Тамара мемонам. Ӯ ин нияташро ба Тамара Артёмовна мегӯяд, хонанда аскари ҷавонро ба оғӯш кашида, ба ниятат рас додар мегӯяд. Ин нияти падарам соли 1965 амалӣ мешавад.

Дар ҳамин ҷо бояд ёдрас намуд, ки дар бораи далерию шуҷоати Ширинбобо Бӯронов – падари Тамара Нависандаи мардумии Ӯзбекистон Иброҳим Раҳим очерке навишта буд, ки бо он корномаҳои ин марди ҷавон аз саҳифаҳои таърихи Ҷанги дуюми ҷаҳон ҷой гирифт...

Баъди хатми донишкада Т. Бӯронова ба зодгоҳ баргашта, солиёни дароз дар мактаби рақами 15-уми ба номи С. Айнии ноҳия ҳамчун муаллими синфҳои ибтидоӣ кӯдаконро хату саводнок кард.



Ин ҳангом риштаи тақдир ӯро бо муаллим Азамат Рӯзиев пайваст. А. Рӯзиев солҳои дароз сардори мактаби рақами 15, баъд услубшиноси шуъбаи маорифи халқи ноҳияи Шофиркон адои вазифа кард. Онҳо соҳиби 3 нафар фарзанд шуданд.

Пас аз чанд муддат ӯ мақолаҳои чопшудаи худро ҷамъ карда, бо номи «Тӯй муборак» чоп кард, ки китоб дар бораи расму русуми маросимҳои шоду хурсандии маҳаллӣ буд.

Нашри китоби аввал ба муаллиф илҳом бахшид. Китоби дуюми ӯ «Дилбарони Шофиркон» ном дошта, аз ҳаёти бонувони ноҳия, ки ғайр аз корҳои оилаву нигоҳубини фарзандон ба корҳои ҷамъиятиву давлатӣ ва илмиву эҷодӣ ҳисса гузоштаанд, ҳикоя мекунад.

Тамара аз соли 2015 то паҳншавии пандемияи «Covid-19» бо маслиҳат ва дастгирии Мубин Носиров нашри ҳафтаномаи «Аторуд»-ро мустақилона ба роҳ монд, ки акнун фаъолияти эҷодии ӯ нафақат вилояти Бухоро, балки ноҳияҳои наздиктарини вилояти Навоиро низ дарбар мегирифт. Нашрия ҳатто дар шаҳри тиллопазони Зарафшон низ обуначиёни зиёди худро дошт.

Пайи ҳам китобҳои ӯ «Келин омад, ёр-ёр», дар ҳаммуаллифӣ «Ҳаёт устуни» (2020), «Фидоиён» (2020), «Элим деб, юртим деб ёниб яшаганлар» (2021), «Оққан дарё оқаверади» (2022) чоп мешуданд, ки ҳамдиёрон қаҳрамонони асосии он буда, муаллиф дар ин асарҳо онҳоро азнав «кашф мекард».

Умр оби равон аст. Тамара Бӯронова ба синни нафақа омада расиданашро надониста монд. Ӯ ба роҳи тайкардаи умраш хаёлан назар бинмуда, алҳол соҳиби панҷ нафар набераи ширину шакар гаштанашро азнав ҳис кард.

Бӯронова фикр мекард, ки пас аз ба нафақа баромадан хонашин мешаваду давоми умрро ба тарбияи наберагон мебахшад. Аммо хоҳиши донишу таҷрибаи дар давоми солҳо андӯхтаашро ба насли оянда омӯзонидан, бо таълиму тарбияи онҳо сарукорнок шудан ӯро ором намегузошт. Бо тавсияи роҳбари ноҳиявии шуъбаи маънавият ва маърифат Дилором Ғаффорова вазифаи тарғиботчии масъалаҳои маънавиву маърифатии мактаби миёнаи рақами 11-ро ба ӯҳда гирифт. Акнун вазифаи бар зиммаи ӯ буда дучандон зиёд гардид. Баробари наберагон таълиму тарбияи шогирдони мактаб низ аз назари ӯ дур намемонд.

Т. Бӯронова баробари корҳои рӯзгордориву мактабу маориф дар корҳои ҷамъиятӣ низ фаъолу пешқадам аст. Ӯ соли сипаришуда дар зинаи ноҳиявӣ ва вилоятии озмуни «Бонуи сол» ҷойи аввалро ишғол кард ва ба зинаи ҷумҳуриявии он роҳхат гирифт.

Чунин саъю кӯшиши бонуи соҳибтаҷриба ӯро сазовори боварии мардум гардонд. Ӯ аз тарафи ҳамдеҳагон чанд бора депутати шӯрои ноҳия интихоб гардид, сазовори мукофоти ҳудудии созмони байналхалқии ЮНИСЕФ шуд.

**Алимурод ТЕМУРОВ,**
**ноҳияи Шофиркони**
**вилояти Бухоро.**

# МАРВОРИДИ СИНАМОИ ТОҶИК

(Аввалаш дар саҳ.3).

Вале пастию баландӣ доштааст зиндагӣ. Чи баҳунар ва чи беҳунарҳоро ба ҳар кӯе, ки хост, медаровардааст. Баҳунарҳо бештар азоб мекашидаанд...

Нооромиҳои ибтидои солҳои навадум дар Душанбе зиндагии осудаи ҳунарварзани шаҳирро низ халалдор сохт. Навбатпоиҳо барои хариди нон... Дар яке ин гуна ҳолатҳо ноҷавонмарде ба сари модари ҳаштодсолааш даст бардошт. Баъди чаҳор моҳи ин ҳодиса, баъди як митинги серодам, автомобиле рост сӯяш ҳаракат кард. Гурехтан хост, натавонист. Бо ҷароҳати вазнин чанд моҳ дар беморхона бистарӣ гашт.

Яке аз дӯстони ҷавониаш В. Туров сим зад ва ҳол пурсид. Хории Марворид омад. Оби дида кард. Гуфт, ки ба шикамам не, ба қадрам мегирям. В. Туров, ки замонҳое дар Маскав ҳамдарс буданду он вақт дар Минск зиндагӣ мекард, гуфт: “Дар ҷойҳои мо низ зиндагӣ хуб не. Вале ту модари худ бигир ва биё. Ҳамроҳ кор мекунем. Буридаи нонро баҳам мебинем”.

Ҳамин тавр, Марворид Қосимоваро тақдир ба Белорус пайваст. Бо кинои ин сарзамин ҳамкорӣ намуд. Иттиҳоди кинематографистҳои ин кишвар ба узвият пазируфт. Таҳти ҳамдастӣ бо Николай Еременко филме таҳия намуд бо унвони “Писар барои падар”. Ин картина дар озмуну ҷашнвораҳои байналхалқӣ, аз қабили “Кинотавр”, “Глобуси булӯрӣ”, “Пироҳан барои бал”, ки дар Куриёи Ҷанубӣ, Сербия ва Чехия баргузор шуданд, пирӯзӣ ба даст овард.

Марворид Қосимова чанд сол дар Академияи давлатии санъати Белорус дарс дод. Роҳбари бадеии курси “Режиссураи филмҳои бадеӣ” қарор гирифт. Якчанд кинорежиссёр омода намуд, ки аз байнашон А. Гринко ва Д. Денок ҳоло дар олами кино чеҳраҳои шинохтаанд.

Солҳои 2008 ва 2015 М. Қосимова соҳибаи медал ва орденҳои дараҷаи байналхалқӣ гардид.

Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон Марворид Қосимова ҳоло дар Минск зиндагӣ кунад ҳам, рӯҳан худро дар диёри падарӣ ҳис карда, меҳри мардуми одии тоҷикро, ки ҳар замон паёмакҳо ба номаш мефиристанд, ба ягон гавҳари дунё иваз намекунад. Тоҷикон низ бо “марворид”-и синамои худ мефахранд.

**М. ШОДИЕВ.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-125. Адади нашр 353 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Г. Кабирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 22.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.